# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи “Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навиштори ва гуфторӣ” барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ**

Дар заминаи мутолиа ва баррасии осори илмӣ ва сарчашмаҳои адабӣ собит гардид, ки навъи дубайтӣ қадимитарин унсури асили адабии адабиёти форсии тоҷикӣ ҳисоб меёбад. Ин навъи адабӣ зарфиятҳои зеҳнӣ ва маҳоратҳои ҳунарии мардуми моро аз даврони бостон то замони муосир дар худ нигоҳ дошта, ҳамзамон бо инкишофи ҳаёти илмӣ ва фарҳангии ҷомеа тағйиру таҳаввул ёфта, дар ҳавзаи адабиёт ҷойгоҳи устуворе пайдо кардааст. Таҳлилу таҳқиқи амиқу дақиқи мавзуи вижагиҳои навъи дубайтӣ ба мо имконият медиҳад, ки дар бораи пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, хусусиятҳои мавзуӣ, сохторӣ, сабк ва воситаҳои бадеии ин жанри адабӣ маълумоти васеъ пайдо намоем.

Мавзуи таҳқиқ аз он ҷиҳат мубрам арзёбӣ мешавад, ки нахустин бор дар диссертатсия тамоми хусусиятҳои навъи дубайтӣ дар адабиёти навиштори (адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик) ва гуфторӣ (фолклор) ба тафсил баррасӣ шудаанд. Агарчи оид ба баъзе хусусиятҳои навъи дубайтӣ дар рисолаву мақола ва китобҳои илмӣ-адабӣ ишораҳои мухтасар ба назар мерасанд, вале муҳаққиқони ин соҳаи илм то ҳол дар самти пажуҳиши вижагиҳои гуногуни дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ таҳқиқоти алоҳида дар шакли рисола анҷом надодаанд.

Диссертатсия дар асоси бандҳои 31-33-и тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Рисола аз тарафи муаллиф навишта шуда, мазмун ва муҳтавои ягонаи дохилӣ дорад. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда нишон дода шудааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 10.01.09, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 ҳуқуқи қабули диссертатсия барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия чоп шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводди чопшуда ба бандҳои 34-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (номзади илми филология) мувофиқ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Бухориев Олим Салимович истифодаи мавод дар ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (номзади илми филология) гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия аҳаммияти назарӣ ва амалии мавзуи таҳқиқ матраҳ шуда, дар хулосаи он дастовардҳо ва муҳтавои мухтасари масъалаҳои меҳварии баррасишуда зикр ёфтаанд. Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Бухориев Олим Салимович дар мавзуи “Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии атестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи “Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ” барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Охониёзов Варқа Дустович, доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Искандарови АМИТ;

- Аминов Адулфатоҳ Ҳакимович, номзади илмҳои филологӣ, директори Муассисаи давлатии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар ДДОТ-и ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Ҳакимов А.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Абдулназаров А.

доктори илмҳои филологӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Восиева Р.

29 июни соли 2023